«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
д.и.и., профессор Асрорзода У.С.
_______________
«27» 04 соли 2026

# ХУЛОСАИ

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи "Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи "Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) иҷро гардидааст.

Одилзода Исмоил Одил 04 декабри соли 1994 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2012 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ихтисоси "Танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ" дохил шуда соли 2017 донишгоҳи мазкурро хатм кардааст. Дар солҳои минбаъда дар вазифаҳои гуногуни таълимӣ, идоракунӣ ва ташкилӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва сохторҳои давлатӣ соҳибкорӣ фаъолият намудааст. Аз ҷумла, солҳои гуногун ҳамчун мушовири академӣ, муовини декан, мудири кафедра ва декани факултет фаъолият кардааст. Аз 26 марти соли 2025 то ҳол дар вазифаи директори Маркази таҳсилоти фосилавии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор мекунад.

Аз соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодии соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) фаъолияти илмию таҳқиқотӣ намуда истодааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) дар донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон супорида шуд.

Мавзуи диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз (№ 5/6. 11 аз 27.ноябри 2023 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Шарофзода Фарҳод Раззоқ – д.и.и., профессор, директори Муассисаи давлатии “Инистути илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз”-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи “Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)” хулосаҳои зерин бароварда шуд:

**1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Дар марҳилаи муосири рушди иқтисоди миллӣ соҳибкории саноатӣ яке аз пояҳои асосии саноатикунонии босуръат, диверсификатсияи истеҳсолот, афзоиши арзиши иловашуда ва ташкили ҷойҳои кории устувор ба ҳисоб меравад. Маҳз фаъолияти ташаббускоронаи корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки захираҳои ашёи хом бо дониш, сармоя, меҳнат ва технология пайваст шуда, ба маҳсулоти рақобатпазир табдил ёбанд. Аз ин рӯ, рушди соҳибкории саноатӣ на танҳо масъалаи зиёд намудани шумораи корхонаҳо, балки раванди ташаккули иқтидори истеҳсолии нав, азхудкунии бозор, навсозии технологӣ ва таъмини устувории иқтисодии минтақаҳо мебошад.

Рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити имрӯз мазмун ва воситаҳои ин равандро амиқ тағйир дода, технологияҳои рақамӣ ба корхона имкон медиҳанд, ки ҳаракати ашёи хом ва маҳсулотро пайгирӣ намояд, равандҳои истеҳсолиро ҳамоҳанг созад, хароҷот ва истеъмоли энергияро назорат кунад, сифати маҳсулотро устувор нигоҳ дорад ва муносибатро бо таъминкунандагон ва харидорон суръат бахшад.

Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи асосҳои назариявию методологӣ ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили механизмҳои субъектҳои соҳибкорӣ дар самти суръатбахшии рақамикунонии соҳаи саноат дар мисоли вилояти Хатлон аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ аҳаммияти муҳим дошта, мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро боз ҳам тақвият медиҳад.

**2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**

Диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи “Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Шиносномаи ихтисосҳои илмӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

**3. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории саноати дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, Стратегияи

миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2026-2030 ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидааанд, робита дорад.

**4. Мақсади асосии тадқиқот** таҳияи заминаҳои илмӣ ва амалии рушди асосҳои назариявию методии соҳибкории саноатӣ ва асоснок намудани механизму тавсияҳои амалӣ барои суръат бахшидани рушди он дар вилояти Хатлон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт иборат мебошад.

Ҳадафи зикршудаи диссертатсия гузориш ва ҳалли ботадриҷи **вазифаҳои** зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалиро муайян намудааст:

- таҳқиқ ва такмили мазмуни иқтисодии соҳибкории саноатӣ, муайян намудани нақши рақамикунонӣ дар тағйирёбии равандҳо, модели арзишофарӣ ва натиҷаҳои фаъолияти корхона, инчунин ҷамъбасти таҷрибаи мутобиқшавандаи давлатҳои хориҷӣ;
- арзёбии вазъ, сохтор ва динамикаи соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон, муайян намудани сатҳи истифода ва самаранокии технологияҳои рақамӣ ва низомманд сохтани омилу маҳдудиятҳои рушди он;
- такмили механизми рушди соҳибкории саноатӣ дар асоси феҳристи рақамии корхонаҳо, шиносномаи рақамӣ, ташхиси омодагӣ, маркази хизматрасониҳои муштарак ва воситаҳои мақсадноки ҳавасмандгардонии давлатӣ;
- таҳияи модели сенариявӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳибкории саноатии вилояти Хатлон то соли 2030, муайян намудани нишондиҳандаҳои назоратӣ, шартҳои гузариш ва ҳушдорҳои барвақт.

**Объекти таҳқиқотро** фаъолияти субъектҳои соҳибкории саноатии вилояти Хатлон ва низоми муносибатҳои иқтисодию ташкилии марбут ба рақамикунонии он ташкил медиҳад.

Ба сифати предмети таҳқиқот маҷмуи муносибатҳо, механизмҳо, шаклҳо, усулҳо, нишондиҳандаҳо ва муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки рушди соҳибкории саноатиро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таъмин менамоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** бар он асос меёбад, ки суръат ва сифати рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон дар ҳолате баланд мегардад, ки рақамикунонӣ на танҳо ҳамчун воситаи ҷорӣ намудани таҷҳизоти алоҳида, балки ҳамчун механизми ҳамгирои такмили равандҳои истеҳсолӣ, рушди малакаҳои рақамӣ, истифодаи самараноки додаҳо ва такмили модели дастгирии давлатӣ, аз ҷумла маблағгузории марҳилавӣ ва низоми арзёбии нишондиҳандаҳои самаранокӣ, татбиқ гардида, барои беҳтар гардидани фазои

соҳибкорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти рақамӣ мусоидат менамояд.

**5. Навгонии илмии таҳқиқот**: навгонии илмии диссертатсия дар рушди муқаррароти назариявӣ, таҳияи воситаҳои методии арзёбӣ ва асоснок намудани механизму модели сенариявии рушди соҳибкории саноатӣ ифода ёфта, натиҷаҳои асосии он аз инҳо иборатанд:

1.Мафҳуми муаллифии соҳибкории саноатӣ ҳамчун фаъолияти мустақил, ташаббускорона ва таваккалпазири иқтисодӣ такмил дода шуд, ки сармоя, меҳнат, дониш ва технологияро барои ташкил ва навсозии истеҳсолот, офаридани арзиши иловашуда ва ба даст овардани натиҷаи устувори иқтисодию иҷтимоӣ муттаҳид менамояд; робитаи панҷзинагии «захира - қарори соҳибкорӣ - раванди истеҳсол - натиҷаи бозорӣ - самараи устувор» ва сатҳҳои микро, мезо ва макро асоснок гардиданд;

2.Равиши методии арзёбии омодагии рақамии корхонаҳои саноатӣ таҳия шуд, ки панҷ марҳилаи камолоти рақамӣ ва Индекси омодагии рақамиро аз рӯйи панҷ ҷузъи баробарвазн - инфрасохтор, ҳамгироии равандҳо, сармояи инсонӣ, додаҳо ва амният, инчунин самараи ченшаванда - дар бар мегирад; индекси мазкур ҳамчун воситаи ташхис ва мониторинг, на ҳамчун рейтинги ҷазодиҳанда, пешниҳод гардид;

3.Механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон такмил дода шуд, ки Дафтари лоиҳавии рушди саноати рақамӣ, Феҳрист ва шиносномаи рақамии корхона, гурӯҳҳои соҳавӣ, маркази хизматрасониҳои муштарак, равзанаи маблағгузории таҷдиди рақамӣ, интихоби холӣ, маблағгузории марҳилавӣ ва панели нишондиҳандаҳои натиҷаро ба як давраи «ташхис - интихоб - озмоиш - арзёбӣ - миқёсбандӣ» муттаҳид менамояд;

4.Модели сенариявии дурнамои рушди соҳибкории саноатии вилояти Хатлон то соли 2030 таҳия гардид, ки сенарияҳои инерсионӣ, таҷдиди мақсаднок ва рақамикунонии босуръатро аз рӯйи ҳаҷми маҳсулот, шумораи корхонаҳо, ҳиссаи саноати коркард, маҳсулот ба як корхона ва омодагии рақамӣ муқоиса намуда, шартҳои гузариш, таҳлили ҳассосият ва ҳушдорҳои барвақти идоракуниро муқаррар мекунад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

1.Муқаррароти назариявӣ оид ба соҳибкории саноатӣ ҳамчун низоми тавлиди арзиш ба ташаббус, таваккал, истеҳсолот ва навоварӣ асосёфта, инчунин тафовути рақамигардонии иттилоот, рақамикунонии раванд, дигаргунсозии рақамии корхона ва иқтисоди рақамӣ.

2.Натиҷаҳои арзёбии вазъ ва маҳдудиятҳои соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон, ки афзоиши шумора ва ҳаҷми истеҳсолотро дар баробари

захираи назарраси баланд бардоштани маҳсулнокӣ, сармоягузорӣ, коркарди ашёи хом ва омодагии рақамӣ нишон медиҳанд; низоми панҷмарҳилагии камолоти рақамӣ ва Индекси омодагии рақамӣ.

3.Механизми такмилёфтаи рушди соҳибкории саноатӣ ва маҷмуи воситаҳои ҳавасмандгардонии давлатӣ, ки феҳристу шиносномаи рақамӣ, Дафтари лоиҳавӣ, хизматрасониҳои муштарак, ваучери ташхис, кафолати портфелӣ, лизинг, маблағгузории фармоиш, гранти ҳаммаблағгузор ва назорати пешу пас аз лоиҳаро фаро мегиранд.

4.Модели сенариявӣ ва дурнамои рушди соҳибкории саноатии вилояти Хатлон то соли 2030, ки сенарияи таҷдиди мақсаднокро ҳамчун роҳи асосӣ интихоб намуда, гузариш ба рақамикунонии босуръатро ба иҷрои нишондиҳандаҳои озмоишӣ, омодагии кадрӣ, самараи молиявӣ ва амнияти киберӣ вобаста месозад.

**6. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он;**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 18 кори илмӣ, аз он ҷумла, 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

**А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

[1-М] Одилзода И.О. Рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун омили рушди соҳибкории саноатӣ дар вилояти Хатлон // Маҷаллаи байналмилалии илмии «Иқтисод ва сайёҳӣ: тамоюл ва дурнамо». - Душанбе, 2026. - № 2 (10). - С. 269-280.

[2-М] Одилзода И.О. Механизмҳои рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2026. - № 1/1 (143). - С. 416-419.

[3-М] Шаропов Ф.Р., Одилзода И.О. Истифодаи таҷрибаи ҷаҳонии рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2026. - № 1/1 (143). - С. 312-315.

[4-М] Одилзода И.О. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба таъмини рушди устувори соҳаи саноат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2026. - № 1/2 (146). - С. 443-449.

[5-М] Шаропов Ф.Р., Одилзода И.О. Соҳибкории саноатӣ ва рақамикунонии он дар вилояти Хатлон // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2025. - № 1/4 (140). - С. 361-364.

[6-М] Абдуллоев И.О. Механизмҳои ташаккулёбии соҳаи саноат ва нақши он дар рушди иқтисодиёти мамлакат // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2025. - № 1/2 (134). - С. 521-524.

[7-М] Абдуллоев И.О. Соҳибкории саноатӣ ва рақамикунонии он дар вилояти Хатлон // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2025. - № 1/4 (134). - С. 418-423.

[8-М] Абдуллоев И.О. Рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ ва аҳамияти рақамикунонии он дар иқтисоди муосир // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2025. - № 1/4 (140). - С. 522-526.

[9-М] Абдуллоев И.О. Нақши рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ва афзалиятҳои он // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2025. - № 1/3 (137). - С. 592-595.

[10-М] Абдуллоев И.О. Рушд ва мукаммалгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2024. - № 1/4 (128). - С. 564-567.

[11-М] Абдуллоев И.О. Такмилдиҳии амсилаи сармоягузории самаранок ба сармояи инсонӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2024. - № 1/4 (128). - С. 492-498.

[12-М] Абдуллоев И.О. Соҳаи саноат ва афзалиятҳои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - Бохтар, 2024. - № 1/3 (125). - С. 561-564.

**В) Мақолаҳо дар дигар маҷалаҳо ва маҷмуи маводҳои конфренсия**

[13-М] Одилзода И.О. Нақш ва истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар рушди устувори соҳаи саноат // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии тағйирёбии иқлим, омилҳо ва таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёти миллӣ» (30 марти соли 2026). - Бохтар, 2026. - С. 282-284.

[14-М] Одилзода И.О. Рушди соҳибкории экологӣ ва омилҳои асосии ташаккули он дар шароити муосир // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои асосии тағйирёбии иқлим, омилҳо ва таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёти миллӣ» (30 марти соли 2026). - Бохтар, 2026. - С. 285-289.

[15-М] Одилзода И.О. Иқтисодиёти рақамӣ ва афзалиятҳои татбиқи он дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои муосири математика ва таълими он», бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва

риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» ва 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Бохтар, 2025. - С. 60-62.

[16-М] Абдуллоев И.О. Таъсири технологияҳои рақамӣ ба самаранокии фаъолияти иқтисодӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Механизми идоракунии молиявӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (26-27 апрели соли 2025). - Бохтар, 2025. - С. 18-22.

[17-М] Абдуллоев И.О. Ташаккулёбӣ ва афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Механизми идоракунии молиявӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (26-27 апрели соли 2024). - Бохтар, 2024. - С. 38-40.

[18-М] Абдуллоев И.О. Рушди соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар даврони истиқлолият // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Механизми идоракунии молиявӣ дар соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (26-27 апрели соли 2024). - Бохтар, 2024. - С. 192-194.

**7. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо;**

Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомадаро аз тарафи мақомоти давлатии танзими фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон зимни омӯзиши фанҳои соҳавии самти соҳибкорӣ истифода шудаанд, ки бо санад тасдиқ ёфтааст.

**8. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрам будани он, муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯйи вазифаҳои таҳқиқот зоҳир мегардад. Муаллиф дар таҳия ва санҷиши муқарраароти назариявӣ, методологӣ ва методӣ оид ба такмили механизми ҳамкории давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ дар шароити рақамикунонии рушди устувори иқтисодӣ саҳм гузоштааст.

Иштироки шахсии муаллиф дар ба даст овардани натиҷаҳои дар таҳқиқот пешниҳодшуда аз ҷониби ҳаммуаллифон тасдиқ карда шуда, дар интишороти муштарак инъикос карда шудааст.

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Кафедра пас аз муҳокимаи диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи “Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ); шунидани тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Шарофзода Фарҳод Разоқ директори Муассисаи давлатии “Инистути илмӣ – тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз”- и Донишгоҳи

байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Баромади муқарризон – Умаров Ҳ. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор. н.и.и., дотсент Наимов Б.Қ., мудири кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ҳамчунин баромади н.и.и., дотсент Ҷалилзода Р.Р. маҷлиси кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Одилзода Исмоид Одил.

**Қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзуи "Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур дар ҷаласа 14 нафар иштирок доштанд, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 14 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст: тарафдор – 14 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Хулоса дар ҷаласаи кушоди кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 25 – уми апрели соли 2026, суратҷаласаи № 8 қабул шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
**д.и.и., дотсент, мудири кафедраи**
**соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавӣ** **Одиназода К.С.**

**Котиби ҷаласа:**
**Муаллими калони кафедраи**
**соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавӣ** **Файзов М.З.**

*Имзоҳои Одиназода К.С. ва Файзов М.З.-ро тасдиқ мекунам:*

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷӯраев Ш.Н.**